ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 544.2.3
ТКБ: 24.51.53(2Т)
Б-77



БОЙНАЗАРЗОДА КИБРИЁ УСМОН

КОМПЛЕКСҲОСИЛКУНИИ НУҚРА (I) БО АЛБЕНДАЗОЛ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва заҳршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Ёрмамадова Саврибегим Гулмамадовна** – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

Мушовири илмӣ: **Раҷабов Умарали** – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва заҳршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»

Муқарризони расмӣ: **Джураев Тухтасун Джураевич** – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи металлургияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ.

Қурбонов Амиршо Соҳибназарович – Директори филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Хатлон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии “Институти химияи ба номи В.И. Никитин”-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия “03” декабри соли 2026 соати 10:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-136-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Донишгоҳи милли Тоҷикистон, бинои асосӣ, толори шурои диссертатсионӣ, ошёнаи 2. E-mail: tojiddin_8989@mail.ru, телефон: (+992) 936002805.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___»_____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои химия Бобокалонов Т.Б.

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар солҳои охир пайвастагиҳои биометаллӣ, алалхусус нуқра бо азолҳо дар соҳаи ветеринария ва тиб нақши муҳим доранд. Нуқра микроэлементест, ки барои фаъолияти узвҳо ва системаҳои дохилӣ муҳим аст, инчунин маводест, ки ба бактерияҳо ва вирусҳои патогенӣ таъсир мерасонад. Азолҳо дар навбати худ фаъолияти зиддимикробӣ нисбат ба маводҳои патогении бемориҳои меъдаю рӯда доранд. Тавре ки Суфиев Т.Д. қайд кардааст: «Таъсири зиддимикробии пайвастагиҳои ҳамоҳангсози нуқра ва тирптофан ба E. coli аз консентратсияи нуқра вобаста аст ва механизми таъсири он аз бозлоштани фаъолияти ферментҳое иборат аст, ки дар равандҳои нафаскашии ҳуҷайра ва фосфорилизатсияи оксидшавӣ ва барқароршавӣ иштирок мекунанд»[1].

Таҳқиқоти А.С. Содатдинова ва ҳаммуаллифон нишон медиҳанд, ки «Хусусияти термодинамикаи комплексшавии Ag(I) бо 1MI дар ҳалкунандаҳои обӣ-диметилсулфоксид афзоиши устувории комплекс бо афзоиши миқдори ДМСО дар ҳалкунанда аз ҳисоби устувории назарраси қабати ҳалшавандагии зарраи комплекс бо афзоиши ҳалшавандагии иони металл ва лиганд мебошад» [2].

Илова бар ин 5-нитроимидазолҳо инчунин бар зидди микроаэрофилҳои алоҳида фаъол мебошанд ва барои табобати бемориҳое, ки ин микроорганизмҳо ба вуҷуд меоянд, самаранок истифода бурда мешаванд.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи тандурустӣ доираи васеи доруҳоро дар бар мегирад, ки фаъолияти зиддипаразитӣ зоҳир мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо меъёри заҳролудшавии муайян доранд ва метавонанд ба узвият таъсири манфӣ расонанд. Тибқи маълумоти Е.Н. Падейскийая: «Албендазол доруи зидди протозитӣ ва зиддигиҷҷавӣ гурӯҳи бензимидазолкарбомат мебошад. Механизми таъсири он ба боздоштани полимеризатсияи тубулин асос ёфта, боиси вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва марги паразитҳо мегардад» [3].

Бо моддаҳои органикӣ ҳосил шудани комплексҳои нуқра имкон медиҳад, ки устувории моддаҳои ҳосилшуда зиёд карда шавад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда комплекси нуқра(I) бо албендазол то ҳол омӯхта нашудааст, ягон маводи доруворӣ дар асоси пайвастагиҳои биокоординатсионии нуқра(I) бо азолҳо мушаххасан албендазол таҳия нашудааст. Аз ин рӯ ҷустуҷӯи усулҳои коркард намудан ва баланд бардоштани устувории онҳо хеле муҳим аст. Чи хеле ки дар кори тадқиқотии Леглер Е.В. қайд карда шудааст вазифаи асосии тадқиқот:«индентификасияи шаклҳои ҷуфтшудаи кислотагӣ асосӣ ва хелатии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо аминокислотаҳои

сефунксионалӣ дар маҳлулҳои обии аз ҷиҳати биологӣ муҳими нейтралӣ ва бузургии термодинамикии константҳои ҳосилшавии онҳо мебошад» [4]. Ғайр аз ин, муаллиф қайд мекунад: «сохти лиганд ба устуворӣ ва таркиби комплекс чӣ тавр таъсир мерасонад». Вай қайд мекунад, ки: «Омӯзиши равандҳои комплексҳосилкунии нуқра(I) бо лигандҳои бисёрфункционалӣ аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад». Муаллиф баррасӣ мекунад, ки чӣ гуна сохти лиганд ба устуворӣ ва таркиби комплексҳо таъсир мерасонад. Е.В.Леглер нишон додааст, ки: «Нуқраи(I) майл дорад, ки бо чунин аминокислотаҳо тавассути бандҳои донорию аксепторӣ бо атомҳои нитроген ва оксиген пайвастаҳои координатии устуворро ташкил диҳад. Таваҷҷуҳи махсус ба таъсири муҳити pH, қувваи ионии маҳлул ва хусусияти гурӯҳҳои функционалӣ ба раванди комплексҳосилкунӣ дода мешавад» [4]. Дар асоси омӯзиши роҳҳои комплексҳосилкунии азолҳо бо ионҳои металлҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, аз қабили нуқра(I) ва дар асоси онҳо омода кардани доруҳое, ки бар зидди микроорганизмҳои патогенӣ фаъолияти зиддимикробӣ зоҳир мекунанд, зарур аст.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Дар адабиёти илмӣ оид ба синтез ва сохти пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол ва азолҳо дар муҳитҳои гуногуни обию кислотагӣ ва инчунин дар маҳлули обӣ-спиртӣ дар корҳои илмии як қатор олимони хориҷиву ватанӣ маълумот оварда шудааст. Махсусан дар корҳои илмии Белевансев В.И. [5], Снесарев С.В. [6], Буду Г.В. [7], Юсупов З.Н. [8], Раҳимова М.М. [9], Аминҷонов А.О. [10], Сафармамадзода С.М. [11], Бекназарова Н.С. [12], Мудинов Х.Ғ. [13] ва ғайра комплексҳосилшавии металҳои интиқолӣ бо лигандҳои органикӣ омӯхта шудааст.

Омӯзиши комплексҳои нуқра(I) бо албендазолҳо аз нуқтаи назари маҳлули электролитҳо ва химияи биокоординатсионӣ муҳим аст, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки электролитҳои нави нуқра ва пайвастагиҳои биологии фаъоли нуқра ҷустуҷӯ карда шаванд.

Комплексҳосилкунии нуқра бо лигандҳои органикӣ дар маҳлул бо усули потенсиометрия омӯхта шуда, пасон дар ҳолати сахт ҷудо карда шудааст. Тариқи усулҳо таҳлили элементӣ, термикӣ, СИ - спектроскопияи, кондуктометрия ва спектрҳои резонансии парамагнитии электронӣ ва ренгеноструктурӣ сохт ва таркиби пайвастагиҳои комплексии нуқра муайян шудаанд.

Бо вуҷуди тадқиқотҳои мавҷуда аз таҳлили адабиётҳо маълум гардид, ки оиди комплексҳосилкунии нуқра бо албендазол дар муҳити обӣ-уксусӣ ва ДМСО вобаста аз ҳарорат, қувваи ионӣ, константаи

устуворӣ ва бузургиҳои термодинамикӣ ягон маълумот вуҷуд надорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотии Бойназарзода Кибриё Усмон дар кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқ ба самти мавзуи илмии "Коркарди маъданҳои маҳалӣ, партовҳои саноатӣ, инчунин омӯзиши комплексҳосилкунии нуқра бо мис ва оҳан бо лигандҳои органикӣ" ва дар кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва заҳршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» иҷро шудааст, дар доираи супориши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи № ГР0122ТЈ1433 ва ГР0121ТЈ208 иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Таҳқиқи комплексҳосилкунии нуқра бо албендазол, омӯхтани хосиятҳои физикӣ-химияви моддаҳои ҳосилшуда муайян кардани бузургиҳои константаи устувории пайвастагиҳои координатсионӣ, функсияҳои термодинамикӣ, таъсири омилҳо ба устувории комплексҳои ҳосилшуда дар муҳити 6 мол/л кислотаи сирко ва ДМСО, омӯхтани хосиятҳои зиддимикробӣ, зидди паразитӣ, зидди занбӯруғии онҳо мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои амалӣ намудани ҳадафи гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардид:

-бо истифода аз усули титронии потенсиометрӣ муайян кардани раванди комплексҳосилкунӣ дар системаҳои $AgNO_3/Ag^0$-Алб-CH_3COOH ва $AgNO_3/Ag^0$- Алб-ДМСО;

- муайян намудани константаи устуворӣ, миқдори пайвастагиҳои комплексӣ дар системаҳои $AgNO_3/Ag^0$- Алб-CH_3COOH ва $AgNO_3/Ag^0$-Алб-ДМСО бо истифода аз усули Фридман, инчунин квадратҳои хурдтарини ғайрихаттӣ;

- таъсири ҳарорат, қувваи ионӣ, табиати лиганд ба константаи устувории ва раванди комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол, инчунин муайян кардани собитаҳои термодинамикӣ дар асоси усули пешниҳодкардаи Василев барои системаи $AgNO_3/Ag^0$- Алб-ДМСО;

- дар асоси собитаҳои умумии термодинамики муайян намудани энталпия, энтропия ва энергияи Гиббс (ΔH^0, ΔS^0,ΔG^0,) барои раванди комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол;

-бо истифода аз натиҷаҳои диаграммаҳои тақсимот дар маҳлулҳои 6 мол/л кислотаи сирко ва ДМСО муайян намудани микдори зарраҳои комплексии ҳосилшуда дар ҳудудҳои гуногуни консентрасияи лиганд, инчунин истифодабарии натиҷаҳо дар синтези пайвастагиҳои нави

комплексии нуқра(I) бо албендазол;

-бо усулҳои физикӣ - химиявӣ бо истифодабарии усулҳои спектри инфрасурх(СИ), масс-спектроскопӣ, ренгеноструктурӣ, РМЯ, дериватография муайян намудани таркиб ва сохти пайвастагиҳои нуқра(I) бо албендазол;

- таҳқиқи биологии хосиятҳои пайвастагиҳои нави синтезкардашудаи нуқра(I) бо албендазол.

Объекти таҳқиқот. Омӯзиши комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол дар асоси таҳлилҳои потенсиометрӣ ва синтези онҳо. Таҳлили хосиятҳои физикӣ-химиявӣ ва биологии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол мебошад.

Мавзӯи (предмед) таҳқиқот. Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол дар муҳити 6 мол/л кислотаи сирко ва ДМСО мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот:

- бори аввал раванди комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол бо истифода аз усули потенсиометрӣ таҳлил карда шудааст;

- таркиб, ҳудуди мавҷудият, инчунин баромади максималии комплексҳои нуқра(I) бо албендазол муқаррар карда шуд;

- методикаи синтези мақсадноки пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол гузаронида шуд;

- таркиб ва сохти пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) ва албендазол бо истифода аз усулҳои спектри инфрасурх (СИ), масс-спектроскопӣ, ренгеноструктурӣ, РМЯ, дериватография таҳқиқ карда шуд;

- бори нахуст хосияти биологии (безарар будан, заҳролудшавии шадид ва музмин, хосиятҳои аллергенӣ) ва зиддимикробии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо лиганд омӯхта шудаанд;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:

-натиҷаҳои бадастомадаи комплексҳои нуқра(I) бо албендазол барои шарҳ додан ва пешгӯии равандҳои комплексҳосилшавии нуқра(I) истифода мешаванд;

-қиматҳои бадастомади константаҳои устувории нуқра(I) бо албендазол маводи истинодӣ буда, холигиҳҳои мавҷудаи адабиётро пур мекунанд, барои олимоне, ки дар соҳаи комплексҳосилкунии ионҳои металл бо лигандҳои сулфурдор ва нитрогендор таҳқиқот мегузаронанд, инчунин барои синтези пайвастагиҳои нав дар соҳаи химияи координатсионӣ истифода мешаванд;

-натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои донишҷӯён, магистрони ва унвонҷӯёни кафедраи физики-химиявӣ, дорусозӣ ва заҳршиносӣ барои гузаронидани лексияҳо дар курсҳои махсус, инчунин барои иҷрои корҳои имлӣ-тадқиқотӣ истифода мешаванд.

-усулҳои синтези пайвастагиҳои координатсионие, ки дар кори

мазкур коркард шудаанд, барои синтези мақсадноки пайвастагиҳои нави комплексии дигар металлҳои гузаранда бо лигандҳои сулфур ва нитрогендор истифода бурда мешаванд.

- моддаҳои синтезкардашудаи аз ҷиҳати биологи фаъол, ки дар асоси пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол синтез карда мешаванд, метавонанд ҳамчун маводи зиддибактериявӣ, зидди занбӯруғӣ, зидди гелментӣ ва зидди паразитӣ барои табобати бемориҳои ҳайвонот, ки аз микроорганизмҳои эршихия коли, салмонелла, пастерелла, бруселла ба вуҷуд меоянд, васеъ истифода мешаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

-муқаррар кардани қонуниятҳои ионизатсияи албендазол дар муҳитҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла дар кистолаи сирко бо консентратсияи 6мол/л ва диметилсулфоксид (ДМСО), дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти потенсиометрӣ. Муайян намудани бузургиҳои ададии константаҳои ионизатсия, вобастагии шаклҳои протоннокшуда, нейтралӣ ва дипротоннокшудаи албендазол аз қиматҳои pH-и муҳитҳои гуногун. Бо истифода аз усули потенсиометрӣ муайян намудани константаҳои устувории комплексҳои нуқра(I) бо албендазол дар шароити муайяншудаи таҷрибавӣ ва коркарди математикӣ бо усули квадратҳои хурдтарини ғайрихаттӣ. Ҳисоб намудани бузургиҳои тағйирёбии энталпия (ΔH), энтропия(ΔS) ва энергияи озоди Гиббс (ΔG)-и ҳосилшавии комплексҳо дар асоси натиҷаҳои таҷрибавӣ;

-пешниҳод намудани усулҳои ҳосил кардани пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол ва шароити оптималии синтези онҳо.Таҳлил намудани таркиби элементӣ, гурӯҳҳои функсионалӣ, хусусиятҳои сохтории пайвастагиҳои синтезшуда дар асоси маҷмуи натиҷаҳои таҳлили элементӣ, спектроскопияи инфрасурх (СИ), таҳлили ренгеноструктурӣ, резонанси магнитии ядроӣ (РМЯ), таҳлили термогравиметрӣ ва масс-спектрометия. Муайян намудани робитаи байни таркиб, устуворӣ сохти комплексҳо ва муҳити маҳлул. Асоснок намудани модели мувофиқи сохти комплексҳо дар асоси далелҳои таҷрибавӣ;

-муайян намудани хосиятҳои биологӣ ва нишондиҳандаҳои бехатарии пайвастагиҳои комплексии синтезшуда дар асоси натиҷаҳои озмоишҳои токсикологӣ ва микробиологӣ. Таҳлил намудани сатҳи заҳрнокии шадид ва музмин, таъсири хашмгинкунанда, инчунин фаъолияти зиддимикробӣ ва зиддизанбуруғии пайвастагиҳо синтезкардашуда.

Дараҷаи эътимотнокии натиҷаҳо. Эътимоднокии маълумоти гирифташуда бо истифода аз тариқаҳои муосири таҳқиқоти физикӣ ва

химиявӣ, инчунин коркарди омории натиҷаҳо асоснок карда шуд. Натиҷаи синтез таркиб ва сохти пайвастагиҳои комплексии нуқра бо албендазол дар асоси таҳлили спектри инфрасурх(СИ), дервотография, ренгеноструктурӣ, масс-спектрометрӣ ва РМЯ муайян карда шуд; хосиятҳои биологии пайвастагиҳои комплексии нуқра бо албендазол захрнокии шадид, хосияти зиддимикробӣ,аллергеннокии комплексҳо муайян карда шуд.

Мутобиқи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Кори диссетратсия ба бандҳои бо шиносномаи ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ мутобиқат мекунад:

- термодинамикаи химиявӣ; таълимот дар бораи мувозинати химиявӣ; термодинамикаи оморӣ-боби 3; 3.1-3.4

- механизмҳои мураккаби равандҳои химиявӣ, равандҳои гудозиш ва кристалшавӣ-боби 3;3.1-3.2

-назарияи маҳлулҳо, таъсири мутақобили байнимолекулӣ ва байнизарравӣ-3;3.1

-таҳқиқи қонуниятҳои равандҳои тағйирёбии таркиби системаҳои химиявӣ вобаста ба ҳарорат.-3; 3.2, 3.3

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми муалифи рисола, ки бо ҳаммуаллифӣ анҷом дода шудааст, дар ҳамаи зинаҳои иҷрои таҷриба, муқаррар кардани роҳу усулҳои таҳқиқот, кофтукови таҳлили адабиёти илмии мавҷуда оиди мавзуи мазкур, муҳокимаи натиҷаҳо, хулоса ва навиштани мақолаҳои илмӣ бевосита иштирок кардааст. Кори таҳқиқоти ва базаи таҷрибавӣ дар кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи маллии Тоҷикистон, кафедраи кимиёи фармасевтӣ ва захршиносӣ, озмоишгоҳи марказии тадқиқотии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А.Сино дар шаҳри Душанбе.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияҳо гузориш ва муҳокима карда шудаанд:

Коференсияи байналмиллалии илмию амалии «Рӯшоноии адабӣ дар илм» Қазоқистон (Алмата, 2022); конференсияи байналмиллалии илмию амалии «Конфронси илмӣ- амалии байналмиллалӣ ба муносибати 70-солагӣ «Тибби муосир: анъанаҳо ва навовариҳо»(Душанбе,2022); Маводҳои Конфронси XVIII илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино «Илм ва инноватсия дар тиб-2023» бо иштироки байналмиллалӣ, Том-2 (Душанбе,2023); Мактаби конфронси умумироссиягии олимони ҷавон «Рузҳои илм дар ИТХР» (Иваново,2023); консеренсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди самтҳои нав дар химия ва технологияи химиявӣ» бахшида гиромидошти хотираи академики АМИТ, доктори илмҳои химия, профессор Сафиев Ҳайдар (2023); конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи

«Рушди илмҳои химия, технология ва экология» бахшида ба 20-солагии таъсисёбии кафедраи «Технология ва экологияи химиявӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»(Душанбе,2023) «Самтҳои афзалиятноки тадқиқот дар соҳаи тиб: кимиёи тиббӣ, биокимиё ва биофизика. Маҷмӯаи тезисҳои Анҷумани байналмиллалии илмӣ- амалӣ»(Бухоро,2024); «Масъалаҳои актуалӣ дар химияи имрӯза, усулҳои ҳалли онҳо ва дурнамои пешрафт» Узбекистон (Денав,2025); конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Пайвастҳои комплексӣ ва ҷанбаҳои истифодабарии онҳо» (Душанбе,2025).

Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ИИТ ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)» ва «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхи»(Душанбе,2022); конференсияи умумидонишгоҳи илмию назариявии донишҷӯён, магистрон ва унвонҷӯёни ДМТ бахшида ба соҳаи рушди иқтисоли рақамӣ ва инноватсия (2025-2030), «700 солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода» (Душанбе,2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷмӯъ 15 мақола ва фишурдаи мақолаҳо, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тавсиявии комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11-то фишурдаи мақолаҳо дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва дохилӣ ба чоп расидаанд.


Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи номзадӣ дар ҳаҷми 157 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, чор боб, хулоса ва 142 номгуйи адабиётҳо бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ иборат аст. Рисола аз 30-то расм ва 32- то ҷадвал иборат мебошад.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

ТАҲҚИҚИ РАВАНДҲОИ КОМПЛЕКСҲОСИЛКУНИИ НУҚРА(I) БО АЛБЕНДАЗОЛ ДАР ҲАЛКУНАНДАИ ОРГАНИКӢ

Таҳлили раванди комплексҳосилкунӣ дар системаи нуқра(I)-албендазол –кислотаи сирко

Дар ин таҳқиқот таҳлил карда шуд, ки чӣ гуна нуқра(I) бо албендазол дар маҳлули кислотаи сиркои 6 мол/л ба реаксия меравад. Константаи ионизатсияи албендазол бо истифода аз усули титркунии pH-метрӣ муайян карда шуд (нигаред ба расми 1). Ин таҳлил нишон дод, ки албендазол дар ин шароит ҳамчун молекулаи нейтралӣ рафтор мекунад.




Расми 1.- Диаграммаи тақсимоти албендазол ва маҳсули ионизасияи он дар маҳлули сирко дар доираи васеъи pH-маҳлул. Қаҷхаттаҳо: 1-L^+, 2- L, 3- L^-

Ҳамин тариқ диаграммаи тақсимшавии албендазол нишон медиҳад, ки дар муҳити pH аз 4,0 то 10,5 лиганд дар намуди молекулавӣ мебошад. Яъне ин далели он аст, ки дар муҳити нейтралӣ устувории баланд дошта, дар ин муҳит метавонад дар комплексҳосилкунӣ иштирок кунад.

Ҳангоми омӯзиши хосияти комплексҳосилкунии ионҳои нуқра(I) бо лигандҳои органикӣ, махсусан бо албендазол баргардандагии электроди нуқра (Ag/Ag^+) дар системаи оксиду барқароршавӣ нақши муҳим мебозад.

Аз ин сабаб барои муайян кардани потенсиали стандартии системаи Ag^+-CH_3COOH-H_2O вобастагии потенсиали оксидонӣ аз консентрасияи гуногуни нуқра дар муҳити нейтралӣ омухта шуд.




Расми 2.-Баргардандагии электроди нуқра дар системаи Ag+-CH_3COOH маҳлулҳои консентратсияҳашон (мол/л): 1) $1\cdot10^{-5}$;2) $5\cdot10^{-5}$; 3) $1\cdot10^{-4}$; 4) $5\cdot10^{-4}$; 5) $5\cdot10^{-3}$

Чи хеле, ки аз расм аён аст, вобастагии потенсиали оксидонӣ (E) аз консентрасияи ионҳои нуқра (Ag^+) хаттӣ буда тангенси кунҷи он ба 60,36 баробар мебошад ҳангоми экстрополясияи хатти рост ба тири абсиса потенсиали стандартии система муайян гардид, ки ба 837,52 мВ баробар аст.

Шумораи максималии молекулаи албендазол ки бо ионҳои нуқра(I) пайвасти комплексиро ҳосил мекунанд, яъне координатсия шудаанд тавассути вобастагии ΔE аз -lgC_L (ниг. расми 3) ҳангоми афзудани пай дар пайи лиганди органикӣ муайян карда шуд.

Нишебии ин вобастагӣ дар ҳароратҳои гуногун ва қувваи ионии 0,1 мол/л оварда шудааст.



Расми 3.-Вобастагии ΔE аз -lgC_L барои пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) дар ҳарорати 288,16-318,16 К, I=0,1 мол/л ($NaNO_3$) T(1)=288,16 К,T(2)=298,16 К, T(3)=308,16 К, T(4)=318,16 К

Дар расми 3 ҳачнун намуна вобастагии ΔE аз логарифмаи консентрасияи ионҳои нуқра дар ҳароратҳои гуногун ва қувваи ионии 0,1 мол/л оварда шудааст. Натиҷаҳои дар график овардашуда нишон медиҳанд, ки ҳангоми экстрополясияи ин хатҳо дуто қитъаи росхатта ҳосил шуданд.


Аз ин натиҷаҳо бармеояд, ки дар системаи $AgNO_3$-L-CH_3COOH ду молекулаи албендазол дар комплексҳосилкунӣ бо нуқра иштирок мекунанд. Дар ҷадвали 1 ҳамчун намуна натиҷаи титркунии потенсиометрӣ ва натиҷааҳои ҳисобшудаи lg[Ag(I)], lg[L], lgφ ва F_0 барои системаи Ag(I)–L-CH3COOH дар ҳарорати 298,16 К оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. - Натиҷаҳои консентратсияи мувозинатии ионҳои нуқра(I) ва албендазол дар 298,16 К; C_L=1,0·10-2 мол/л; $C_{Ag(I)}$=1·10-4 мол/л; J=0,1 мол/л $NaNO_3$

ΔЕ, мВ	C_L мол/л;	C_{Ag} мол/л;	lgф	[L] мол/л;
1,00	$1,5\cdot10^{-4}$	$9,8\cdot10^{-5}$	$1,6\cdot10^{-2}$	$1,4\cdot10^{-4}$
13,00	$3,4\cdot10^{-4}$	$9,6\cdot10^{-5}$	$2,1\cdot10^{-1}$	$2,7\cdot10^{-4}$
21,00	$4,9\cdot10^{-4}$	$9,5\cdot10^{-5}$	$3,5\cdot10^{-1}$	$3,8\cdot10^{-4}$
36,00	$8,7\cdot10^{-4}$	$9,1\cdot10^{-5}$	$6,0\cdot10^{-1}$	$7,3\cdot10^{-4}$
41,00	$1,0\cdot10^{-3}$	$8,9\cdot10^{-5}$	$6,9\cdot10^{-1}$	$9,2\cdot10^{-4}$
46,00	$1,2\cdot10^{-3}$	$8,7\cdot10^{-5}$	$7,7\cdot10^{-1}$	$1,1\cdot10^{-3}$
50,00	$1,4\cdot10^{-3}$	$8,5\cdot10^{-5}$	$8,4\cdot10^{-1}$	$1,2\cdot10^{-3}$
53,00	$1,6\cdot10^{-3}$	$8,3\cdot10^{-5}$	$8,9\cdot10^{-1}$	$1,4\cdot10^{-3}$
56,00	$1,7\cdot10^{-3}$	$8,2\cdot10^{-5}$	$9,4\cdot10^{-1}$	$1,6\cdot10^{-3}$
60,00	$1,9\cdot10^{-3}$	$8,0\cdot10^{-5}$	1,014	$1,8\cdot10^{-3}$
61,00	$2,1\cdot10^{-3}$	$7,8\cdot10^{-5}$	1,031	$2,0\cdot10^{-3}$
63,00	$2,3\cdot10^{-3}$	$7,6\cdot10^{-5}$	1,064	$2,2\cdot10^{-3}$
66,00	$2,5\cdot10^{-3}$	$7,4\cdot10^{-5}$	1,115	$2,3\cdot10^{-3}$
69,00	$2,7\cdot10^{-3}$	$7,2\cdot10^{-5}$	1,166	$2,5\cdot10^{-3}$
77,00	$3,0\cdot10^{-3}$	$6,9\cdot10^{-5}$	1,301	$2,9\cdot10^{-3}$
81,00	$3,2\cdot10^{-3}$	$6,7\cdot10^{-5}$	1,369	$3,1\cdot10^{-3}$
93,00	$3,9\cdot10^{-3}$	$6,0\cdot10^{-5}$	1,572	$3,8\cdot10^{-3}$
97,00	$4,3\cdot10^{-3}$	$5,6\cdot10^{-5}$	1,639	$4,2\cdot10^{-3}$

Чи хеле ки аз ин ҷадвалҳо бармеояд, ҳангоми зиёд шудани консентрасияи лиганд фарқи энергияи потенсиалӣ меафзояд яъне ин нишонаи он аст, ки дар система потенсиали оксидонӣ кам мешавад. Сабаби камшавии потенсиали оксидонӣ дар он аст, ки дар системаи омӯхташаванда зарраҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол ҳосил шудаанд.

Барои муайян намудани константаҳои умумии устувории комплексҳо аз усулҳои пешниҳодшудаи Фридман ва УККҒ-усулҳои камтарини квадрати ғайрихатӣ истифода карда шуд. Мувофоқи усули Фридман вобастагиҳои lgф аз $-lgC_L$ гирифта шуд. Ин вобастагӣ характери ғайрихаттӣ дошта аз ду қитъаи росхатта иборат аст. Ҳангоми экстрополясия кардани ҳар як қитъаи рост ба мевҳари абссис қиматҳои константаи умумии устувории заррачаҳои комплексӣ муайян карда шуданд (ниг.расми 4).



Расми 4.-Вобастагии Δф аз -lg[L] барои системаи Ag-албендазол-ДМСО дар ҳарорати 298,16 К, J=0,1 мол/л.

Барои муайян намудани константаҳои устувории пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол аз «барномаҳои компютерӣ бо истифода аз усули камтарини квадрати ғайрихаттӣ» истифода бурда шуд.

Дар рисолаи А.С. Содатдинова қайд карда мешавад, ки «константаҳои устувории нуқра(I) бо лигандҳои органикӣ бо истифода аз усули камтарини квадрати ғайрихатӣ ҳисоб карда шуданд, ки барои коркарди маълумоти комплекскунонӣ муайян кардани параметрҳои мувозинат васеъ истифода мешавад»[14].

Константаи умумии устуворӣ бо усули камтарини квадрати ғайрихаттӣ муайян карда шуда натиҷаҳои миёнаи онҳо ки бо ду роҳ ҳисоб карда шуда буданд, дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.- Константаи устувории пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол дар ҳароратҳои 288,16-318,16 К ва қувваии онии 0,1 мол/л($NaNO_3$)

Усулҳо	β / Т, К	288,16К	298,16К	308,16К	318,16К
Фридман	$lg\beta_1$	4,19±0,06	3,75±0,05	3,61±0,04	3,40±0,03
	$lg\beta_2$	7,12±0,09	6,61±0,08	6,47±0,07	6,21±0,08
УККҒ	$lg\ \beta_1$	4,17±0,07	4,01±0,06	3,63±0,05	3,42±0,04
	$lg\beta_2$	7,14±0,08	6,93±0,07	6,51±0,06	6,25±0,09
Қиммати миёна	$lg\beta_1$	4,18±0,065	3,88±0,055	3,62±0,04	3,41±0,03
	$lg\beta_2$	7,13±0,085	6,77±0,075	6,49±0,06	6,23±0,08


Чи хеле ки аз ҷадвал аён аст барои ҳисоби константаи

устувории комплексҳо аз ду усули муосир истифода карда шуд. Натиҷаҳои ба даст омадаи ҳар ду усул бо ҳам хеле наздиканд, ки ин шабоҳати дурустии механизми реаксияҳоро дорад. Боз агар ба ҷадвал назар андозем дида мешавад, ки бо афзудани ҳарорат қиматҳои $lg\beta_1$ ва $lg\beta_2$ оҳиста оҳиста кам мешаванд, яъне устувории пайвасти комплексии нуқра бо албендазол бо зиёд шудани ҳарорат кам мешавад.

Пас аз гузаронидани тадқиқот ва натиҷагирии бузургиҳои константаи устувории онҳо бо истифода аз муодилаи зерин ҳисоб карда шуданд.

$$\Delta E_{назариявӣ}=\frac{2,3RT}{nFlog(1+\beta 1[Алб]+lg\beta 2)}+++\ldots\ldots\ldots\ldots\ldots\ldots(1)$$


Натиҷаҳои таҷрибавии онро бо натиҷаҳои назариявӣ дар муқоиса гузошта дурустии модели пешниҳодшуда яъне комплексҳосилкунии нуқра (I) бо албендазол тасдиқ карда шуд.



Расми 5.- Вобастагии ΔE аз -lg[L] барои системаи Ag-албендазол-ДМСО дар ҳарорати 298,16 К .Каҷхаттаҳо: 1)-$\Delta E_{назариявӣ}$ 2)- $\Delta E_{таҷрибавӣ}$

Муқоисаи раванди комплексонии нуқра(I) бо албендазол нишон дод, ки дар системаи Ag+-Алб-CH_3COOH ду шакли пайвасти комплексӣ ҳосил мешавад. Константаи умумии устуворӣ $lg\beta_2$ барои комплекси албендазолӣ ба 4,12 воҳиди баробар шуд.

Бо истифода аз усули коэффисенти ҳароратӣ аз муодилаи $\Delta H–T\Delta S=-RT\ lg\beta i$, бузургиҳои ΔH ва ΔS реаксияҳои комплексонии нуқра(I) бо албендазол бо усули графикӣ (расми 6) ёфт шуданд. Бузургии ΔG аз рӯи муодилаи $\Delta G=\Delta H-T\Delta S$ муайян карда шуд.



Расми 6. -Вобастагии lgβi аз 1/T барои зарраҳои комплексии зерин: 1 - $[Ag(L)NO_3]^+$; 2 - $[Ag(L)_2(NO_3)_2]^+$ дар 298,16К

Тавре, ки аз расми 6 бар меояд, дар фосилаи ҳарорати 298,16К, вобастагии lgβi аз 1/T барои ҳамаи комплексҳо хатӣ мебошад. Барои муайян кардани функсияҳои термодинамикӣ (ΔH, ΔG), муодилаи Кларк-Глю истифода шуд.

Дар ин муодила, вобастагии lgβi аз 1/T таҳлил карда шуд. Қимати ΔH аз нишебии хати рост ва қимати ΔG аз қисмати буридаи хат дар меҳвари ординатаҳо муайян карда шуд. Қимати ΔS аз рӯи муодилаи Гиббс ҳисоб карда шуд. Дар ҷадвали 3 функсияҳои термодинамикии реаксияи ҳосилшавии комплексҳои нуқра(I) бо албендазол, ки бо усули коэффисентҳои ҳароратӣ (а) ва бо истифода аз муодилаи Кларк-Глю (б) ҳисоб шудаанд, оварда шудаанд.

Ҷадвали 3.- Бузургиҳои функсияҳои термодинамикии раванди ҳосилшавии комплексҳои албендазолии нуқра(I) бо усули Кларк-Глю


Реаксияҳои ҳосилшавии комплексҳо	ΔH, кҶ/мол	ΔG, кҶ/мол	ΔS, кҶ/мол
$Ag+L\rightarrow[AgL]^+$	-58,62±2,3	-21,40±4,8	-61,13±7,8
$Ag+2L\rightarrow[Ag(L)_2]^+$	-53,0±0,8	-43,16 ±1,6	-49,89±0,7

Аз маълумоти ҷадвал бар меояд, ки функсияҳои термодинамикии бо ду усул ҳисоб шуда бо ҳам хеле наздиканд. Тавре ки маълум аст, дар ҳамаи марҳилаҳои комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол бузургии ΔG манфӣ мебошад, ки ин нишонаи худ ба худ ба амал омадани раванд мебошад. Аз ҷиҳати энергетикӣ ҳосилшавии комплексҳои биядроии албендазолати нуқра нисбат ба моноядрои устувортаранд. Яъне ҳангоми ҳосилшавии пайвасти комплексии

моноядроии нуқа(I) бо албендазол 21,0 кҶ/мол энергия хориҷ мешавад ва барои комплексҳои биядрои бошад 43,16 кҶ/мол энергия хориҷ мешавад.

Агар константаҳои устувории пайвастагии комплекси маълум бошад бо осони ҳиссаи молии онро ҳисоб кардан имконпазир аст.

Бо ҳамин мақсад барои муайян кардани соҳаи ҳосилшавии пайвастаҳои комплексӣ дар системаи $AgNO_3$-Алб-CH_3COOH дар ҳарорати 298,16К графики диаграммаи тақсимшави барои заррaҳои комплексии дар система ҳосилшаванда сохта шуд (расми7).



Расми 7.- Каҷхатаҳои тақсимшавии комплексҳои албендазолатии Ag(I) бо албендазол –CH_3COOH дар ҳарорати 298,16 К, ки дар ин ҷо α_0- Ag+ ;α_1-$[AgL]^+$;α_2-$[AgL_2]^+$

Таҳлили диаграммаҳои тақсимот нишон дод, ки ҳангоми реаксияи ионҳои нуқра(I) бо албендазол дар маҳлул асосан комплексҳои моноҳастаи ҳосил мешаванд, ки тақрибан 99 %-ро ташкил медиҳанд. Ин нишон медиҳад, ки пайвасти комплексии моноҳастаи аз ҷиҳати термодинамикӣ хеле устуворанд.

Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо албендазол дар ҳалкунандаи органикӣ –ДМСО низ дарҳамин ҳароратҳои аз 288,16-318,16К ва кувваҳои ионии 0,05, 0,1, 0,5, 1,0 мол/л омӯхта шуда натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

Дар ин асос пайвастагиҳои комплексии иони нуқра (I) бо албендазол дар шакли сахт ҳам дар муҳити 6 мол/л сирко ва ҳам ДМСО синтез карда шуданд. Аз маҳлул пайвасти комплексӣ бо таносуби 1:1 ва 1:2 дар намуди хокаи сафеди хокистарӣ ва хокаи қаҳваранг ҷудо карда шуданд.

Дар умум натиҷаҳо нишон додаанд, ки албендазол бо ионҳои нуқра(I) дар муҳити 6мол/л кислотаи сирко пайвастагиҳои устуворро ҳосил мекунад, гарчанде, ки устувории онҳо нисбат ба комплексҳои

лигандҳои дар муҳити ДМСО ҳосилшуда камтараст.

Таҳлили элементии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол

Дар асоси таҳқиқотҳои дар боло зикршуда мо методикаи синтези 8-то пайвасти комплексии нуқра бо албендазолро дида баромадем. Дар ҷадвали 4 таҳлили миқдорӣ аз рӯи мавҷудияти элементҳо дар таркиби пайвасти комплексии синтезкардашуда оварда шудааст.

Ҷадвали 4.- Таҳлили элементии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол

Пайвастагиҳо	назариявӣ, % / таҷрибавӣ, %					
	Ag	C	H	N	S	O
[AgLCH3COO]-(1:1)	24,96	38,90	4.20	9,72	7,42	14,81
	24,89	38,2	4.1	9,56	7,4	14,2
[AgL2 CH3COO] - (1:2)	15,40	41,15	4,32	14,0	9,15	15,99
	15,0	41,0	4,7	13,9	9,1	16,2
[AgLДМСО]NO3 - (1:1)	24,79	33,12	3,47	12,8	7,37	18,38
	24,0	32,8	3,8	12,5	7,3	18,5
[AgL2 ДМСОNO3]- (1:2)	15,4	41,15	4,32	14,0	9,15	14,05
	15,3	40,5	4,4	13,7	9,11	13,96
[AgLДМСО]NO3 - 99%	20,09	4,5	4,30	9,72	7,4	14,81
	21,00	4,53	4,5	9,90	7,42	14,00
[AgL2 ДМСОNO3]- 99%	15,0	40,9	4,9	15,0	9,2	13,99
	14,98	41,0	4,87	14,8	9,21	14,0
[AgL(C2H5OH)]NO3	24,78	33,5	3,3	12,5	7,1	18,38
	24,5	33,0	3,4	13,0	7,3	18,3
[AgL2(C2H5OH)]NO3	17,5	33,82	2,5	11,5	5,30	20,8
	17,8	33,7	3,0	12,0	5,7	21,0

Таҳқиқи СИ –спектроскопии комплексҳои албендазолатии нуқра(I)


Бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои сохт ва гурӯҳҳои функсионалии таркиби пайвастагиҳои нави синтезшуда, ки дар натиҷаи комплексҳосилкунии иони нуқраи(I) бо албендазол ҳосил шудаанд, усули спектроскопияи инфрасурх (СИ) истифода гардид.

Ефимона А.И. ва ҳаммуаллифонашон овардаанд: «спектроскопияи ларзишӣ метавонад хеле иттилоотӣ бошад, зеро робитаи байни сохти электронӣ ва молекулавӣ боиси тағйирот дар бандҳои инфрасурх мегардад, ки аксар вақт ба мо имкон медиҳад, ки сохтори комплексҳои координасиониро тавсир кунем» [15].

Интерпретасия ва таҳлили спектри инфрасурхи (СИ) пайвасти комплексии [AgL2NO3] нишон медиҳанд, ки дар спектри инфрасурхи (СИ) ин модда бояд хатҳои ҷаббиши хос барои ҳалқаи бензолии

моноивазшуда, гурӯҳи метиленӣ ва системаи гетеросиклӣ мушоҳида шаванд.

Дар расми 8 спектри инфрасурхи (СИ) пайвастҳои нуқра бо албендазол дар муҳити 6 мол/л сирко оварда шудааст, ки дар онҳо воқеан хатҳои ҷаббиши хос мушоҳида мешаванд, ки ба тағйирёбии гурӯҳҳои функсионалӣ мувофиқат мекунанд.



Расми 8.–Спектри инфрасурхи (СИ)-и молекулаҳо: 1) албендазол; 2) комплекси таркиби [AgLCH3COO], 3) [AgLДМСО]NO_3

Тавре ки аз ин расм маълум мешавад, ҳосилшавии комплекс боиси тағйироти назарраси спектрҳои инфрасурхи (СИ)- и лиганд дар тамоми диапазони басомад аз 4000 то 400см$^{-1}$ мегардад.

Чихеле ки аз таҳлил бармеояд, дар спектри албендазоли озод қулла дар ҳудуди 1620 см$^{-1}$ -1650 см$^{-1}$ мушоҳида мешавад, дар спектри комплекс бошад, дар ин ҳудуд тағйироти ҷиддӣ ба назар мерасад. Ғайр аз ин, зичии электронии гурӯҳи N-H дар ҳудуди 3300 – 3400 см$^{-1}$ кам шудааст, ки ин аз иштироки атоми нитрогени ҳалқаи бензимидазол дар координатсия шабоҳат медиҳад.


Боз маълум аст ки дар ҳудуди 700 то 750 см$^{-1}$ лағжиши диформатсионии C-S ба вуҷуд омадааст, ки ин низ гувоҳи он аст, ки сулфури гуруҳи тиолии молекулаи албендазол низ дар координатсия иштирок мекунад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки пайвасти координатсионӣ байни иони нукра- албендазол тавассути ҳам атоми нитрогени ҳалқаи пиридин ва ҳам атоми сулфури гурӯҳи тиолӣ амалӣ мешавад.

Таҳлили масс- спектроскопияи албендазол ва пайвастагиҳои синтезкардашудаи нуқра(1) бо албендазол

Таҳлили масс-спектрометрии сифатӣ барои муайян кардани таркиби молекулавӣ ва тасдиқи сохтори пайвастагиҳо бо истифода аз усули ионизатсияи электроскопӣ (HR-ESI-MS) дар реҷаи мусбат анҷом дода шуд. Ин таҳлил дар дастгоҳи Agilent 129-6545 UHPLC-QTOF LC/MS ки воқеъ дар давлати Чин мебошад дар ҳамкори бо ҳамкасбон гузаронида шуд.

Дар спектри ба даст омада, қуллаи асоси дар иони $(M+H)^+$ рост меояд, ки ба формулаи молекулавии албендазол $C_{12}H_{16}N_3O_2S$ мувофиқат мекунад. Бузургии таҷрибавии m/z ба 266.0958 баробар аст, ки бо бузургии ҳисобшудаи назариявӣ m/z-266.0958 хеле наздикаст.



Расми 9.-Пайвасти комплексии албендазол - нуқра–ДМСО

Дар муқоиса бо спектри ^1H NMR-и албендазоли холис дар спектри комплекси нуқра албендазол тағйироти назарраси ҷойивазкунии химиявӣ ва шакли сигналҳо мушоҳида мешавад. Пеш аз ҳама сигналҳои вобаста ба гурӯҳои -NH дар минтақаи майдони паст β- 11-12 ppm тағйир ёфтаанд. Ин тағйирот далели иштирок намудани атомҳои нитроген дар координатсия бо иони нуқра мебошад. Каме батарафи майдони паст ҷо ба ҷо шудани ин сигналҳо ба коҳиш ёфтани зичии электронии протонҳои –NH ишора мекунад, ки аз натиҷаи иштироки Ag^+ дар комплексҳосилкунӣ шаҳодат


медиҳад.

Таҳқиқоти рентгеноструктурии кристаллҳои пайвастагии комплексии нуқра(I) бо албендазол

Таҳқиқоти ренгеноструктурии кристаллҳои пайвасти комплексии синтезкарадшудаи таркибашон $C_{12}H_{19}N_3AgO_4$ ки дар асоси намаки нитрати нуқра ва албендазоли аз ҷиҳати химиявӣ тоза ҳосил шудааст дар диафрактометри автоматии яккристалии модели «Malvern Panalytical Empyrean» дар давлати Узбекистон бо истифода аз асбоби шуоъафкани СиКα (γ=1,54 A^0) анҷом дода шуд.

Тавре ки дар расм нишон дода шудааст, координасия тавассути атоми нитрогени ҳалқаи бензимидазол ва эҳтимолан тавассути атоми сулфури гурӯҳи тиолӣ гурӯҳи функсионалӣ ба амал меояд, агар лиганд дар маҳлул гидролиз шавад ё табдилоти таутомерӣ ба амал ояд. Ғайр аз ин, пайвандҳои гидрогенӣ байни гурӯҳҳои NH-и албендазол ва лигандҳои дорои оксиген (масалан, ионҳои атсетат ё молекулаҳои ҳалкунанда) мушоҳида мешаванд, ки дар устувории панҷараи кристаллӣ нақши муҳим доранд. Таҳлили дифраксияи рентгенӣ ҳосилшавии комплекси устувори нуқра(I)-ро бо албендазол дар муҳити 6М кислотаи сирко тасдиқ кард. Сохтори комплекси ҳосилшуда нишон медиҳад, ки албендазол ҳамчун лиганди бидентати амал мекунад, ки қодир аст иони Ag^+-ро тавассути таъсири мутақобилаи донор-аксептор устувор кунад. Параметрҳои сохтории комплекси нуқра-албендазол бо маълумоти спектроскопӣ мувофиқанд ва имкон медиҳанд, ки ҳалкунанда ба панҷара ё бастабандии кристаллӣ дохил карда шавад.

Маълум гардид, ки сохти параметрҳо бо натиҷаҳои спектори инфрасурх (СИ) мувофиқат намуда эҳтимолияти иштироки ҳалкунанда ба сфераи координатсиони ё панҷараи кристали нишон медиҳад.




Расми 10.-Сохти молекулавии пайвастагии комплексии нуқра(I) ва албендазол

Атоми нуқра дар муҳити ду атоми донор, ки аз таркиби албендазол ва молекулаҳои анионӣ мавҷуданд геометрияи координатсиониеро ташкил медиҳад, ки ба сохти координатсияшудаи бидентати шабоҳат дорад. Атомҳои нитрогени ҳалқаи бензимидазол ва атомҳои сулфури гурӯҳои тиолӣ дар координатсия иштирок мекунанд, ки ин бо дарозии пайвандҳои Ag-N ва Ag-S дар доираи 2,10-2,30A^0 тасдиқ мешавад.

Дар сохт ҳамчунин пайвандҳои гидрогении байни молекулӣ вуҷуд доранд, ки дар устувории бастабандии кристалӣ нақши калиди мебозанд.Инчунин эҳтимолияти таъсири байни ҳамдигарии сусти π–π байни қисмҳои ароматикии молекулаҳо вуҷуд дорад.

Омӯзиши тавсифи термикии пайвастагиҳои синтезкардашудаи нуқра(I) бо албендазол бо усули дериватография

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки таҷзияи гармии комплексҳои нуқра(I) бо албендазол мураккаб буда, аз якчанд марҳила бо ҷазби гармӣ ва хориҷшавии он мегузарад.



Расми 4.11. - Устувории термикии пайвасти комплексии нуқра бо албендазол дар муҳити 6 мол/л сирко

Тавзеҳот: Т: 345.06 ва 565.02 0С; t: 10,060 ва 16,600 сония; Δm (мг)=-9.034; Δm (%)=-13.163; массаи боқимонда (мг): 57.895 (Минтақаи ҷорӣ); массаи боқимонда (%): 84.358 (минтақаи ҷорӣ); ҳарорати нуқтаи инфлексия :454.940С,13 311.4 сония.

Т: 565.02 ва 840.07 0С; t: 16,600 ва 24,909 сония; Δm (мг)=-14.746; Δm

(%)=-21.487; массаи боқимонда (мг): 43.149 (Минтақаи ҷорӣ); массаи боқимонда (%): 62.872 (минтақаи ҷорӣ); ҳарорати нуқтаи инфлексия: 753.680С, 22294.6 сония.

Гармии раванд, яъне миқдори гармие,ки дар вараёни қулла ҷудо ё ҷабидда шудааст:-487.373 μVs; Т: 745.14 ва 940.02 0С; t: 22 038.1 ва 27909.6 сония; максималии қулла:857.9090С; баландии қулла:9,867 μV; оғоз:768.3720С /2.27Е +4(с); ҷойивазкунӣ: 920.7730С/2.74Е +4(с); навъи ибтидой :Хатти асосӣ; массаи истиводашуда: 68.63мг(ибтидой).

Дар расми 11 дериватограммаи комплекси $[AgLCH_3COO]NO_3$ нишон дода шудааст. Дериватограммаи системаи Ag-Алб-CH_3COOH дар ҳарорати 25-950 °С бо суръати гармкунии 2К/ дақ сабт шудааст. Массаи аввалаи комплекси синтез карда шуда 68,63 мг –ро ташкил дод. Дар расм хати сабз (хати TG) тағйирёбии масса ва хати кабуд (DTA) эффекти гармиро нишон медиҳад. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо дар термогривиметрия яъне дар хати додашуда се то марҳилаи тағйирёбии масса дида мешавад.

Марҳилаи аввал дар диапазони 170-350°С мушоҳида мешавад ва бо хориҷ кардани оби координасионӣ ё қисман кислотаи сирко алоқаманд аст. Дар диапазони 3450-5650°С талафоти масса тақрибан 9.03 мг ё 13.16% -ро ташкил медиҳад. Аммо дар диапазони 170-350°С, массаи намуна қариб бетағйир боқӣ мемонад. Талафоти масса дар диапазони 345-5650°С, ки аз сабаби ҷудошавии масса ба вуҷуд меояд, тақрибан 9.03 мг ё 13.16% -ро ташкил медиҳад. Ин талафоти масса бо хориҷшавии пайвастагиҳои ноустувор, аз ҷумла кислотаи сирко ё оби ҳамоҳангӣ алоқаманд аст.

Марҳилаи дуюм дар диапазони 565-840°С сабт шудааст. Талафоти масса ба 14-87 мг ё 21.4% мерасад. Ин марҳила аз таҷзияи васеъи қисми органикии комплекс ва таҷзияи пурраи кислотаи сирко шаҳодат медиҳад.

Дар марҳилаи сеюм, каҷи DTA таҷзияи пурраи лигандро, яъне албендазолро, дар диапазони 750–840°С нишон медиҳад. Дар ин марҳила, ҷудошавии газҳои NO_2 ва CO_2 мушоҳида мешавад. Пас аз анҷоми раванд, тақрибан 62–63% массаи комплекси нуқра(I) бо албендазол дар маҳлули 6 мол/л кислотаи сирко боқӣ мемонад. Ин эҳтимолан аз сабаби ҳосилшавии нуқраи металлӣ ё оксиди нуқра аст.

Хулоса, таҳлили таҷзияи гармӣ нишон дод, ки комплекси албендазол дар маҳлули 6 мол/л кислотаи сирко устувории нисбатан баланди гармиро нишон медиҳад ва таҷзияи он дар ду марҳилаи асосӣ суръат мегирад.

Безарарии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол

Ҳангоми ҳосилшавии пайвасти комплексӣ дар асоси синтези албендазол бо нуқра дар маҳлул миқдори ионҳои нуқра кам шудан

мегиранд, ки яке аз омилҳои пастшавии захрнокии биологии пайваста ба шумор меравад.

Натиҷаи бузургиҳои термодинамикӣ ва константаи устувори нишон медиҳанд, ки иони нуқра(I) бо албендазол комплексҳои устуворро ҳосил мекунанд. Пайвасти комплексии синтезшуда $[Ag(L)_2]^+$ константаи устувории зиёд дорад.

Аз ҷумла, дар патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабов У бо ҳаммуаллифонаш оварда шудааст, ки: «Сулфати мис –албендазол дорои хосияти зиддигиҷҷавӣ мебошад». [16]

Барои муайян намудани захрнокиишадиди пайвасти нави синтезкардашудаи нуқра(I) бо албендазол таҳқиқотҳои таксикологӣ дар мушҳои сафеди лабораторӣ дар муддати 14 рӯз гузаронида шуд. Дар ҷадвали 5 натиҷаи захрнокии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албендазол оварда шудааст.

Ҷадвали 5.-Захрнокии комплексҳои нуқра(I) бо албендазол

Модда	Мас саи модда г/кг	Мас саи мод да мг/к г	Массаи муш(г)	Миқдо ри мушҳо	Кушан дагӣ	LD (Вояи кушандаг й)
$[Ag(LCH_3COO)_2]$	0.03	30	20	6	0/6	0
$[Ag(LCH_3COO)_2]$	0.3	300	20	6	0/6	0
$[Ag(L)_2CH_3COO]$	1	1000	20	6	0/6	0
[Ag(L)2CH3COO]	3	3000	20	6	1/6	16
$[Ag(L)_2CH_3COO]$	6	5000	20	6	2/6	33
$[Ag(L)_2Cн3COO]$	8	6000	20	6	3/6	50
$[Ag(L)_2]CH_3COO$	10	8000	20	6	6/6	100

Таҳқиқи хосиятҳои зиддимикробӣ ва зиддизамбӯруғии пайвастагиҳои комплексии нуқра(I) бо албенадзол

